**Резаахбор**

**оид ба натиҷаҳои фаъолияти Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017**

Мувофиқи маълумоти омори гумрукӣ, дар соли 2017 гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ маблағи 3 758,3 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (3 931,0 млн. долл.) ба маблағи 172,8 млн. доллари ИМА ё ба андозаи 4% кам мебошад.

Аз маблағи умумии гардиши тиҷорати хориҷӣ 2 774,4 млн. доллари ИМА (соли гузашта 3 031,7 млн. долл.) ба воридот ва 983,8 млн. доллари ИМА (соли гузашта 899,3 млн. долл.) ба содирот рост меояд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2016 воридот ба маблағи 257,3 млн. доллари ИМА ё ба андозаи 8,0% коҳиш ёфта, содирот бошад ба маблағи 84,5 млн. доллари ИМА ё 9,0%, афзоиш ёфтааст.

Тиҷорат бо кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил маблағи 2 086,1 млн. доллари ИМА ё 56,0% ва бо кишварҳои хориҷи дур 1 672,1 млн. доллари ИМА ё 44,0%-и гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2016 гардиши тиҷорати хориҷӣ бо кишварҳои аъзои ИДМ ба андозаи 6,0% зиёд ва бо кишварҳои хориҷи дур 15,0% кам гардидааст.

Дар маҷмӯъ, иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 бо 111 мамалакати ҷаҳон амалиёти содиротию воридотӣ ба анҷом расониданд. Аз ҷумла, ҳаҷми асосии содироти мол бо давлатҳои Қазоқистон 33,0%, Туркия 23,7%, Узбекистон 5,8%, Афғонистон 10,%, Тайван 5,0%, Чин 3,6%, Россия 3,3%, Эрон 3,1%, Шоҳигарии Нидерландия 2,5% ва Аморати муттаҳидаи араб 1,8%-ро ташкил медиҳад.

Воридоти асосии мол аз рӯи нишондоди фоизӣ ба давлатҳои Россия 32,6%, Чин 20,0%, Қазоқистон 18,5%, Туркия 3,8%, Олмон 3,8%, Узбекистон 2,5%, Эрон 2,2%, Туркманистон 1,8%, Қирғизистон 1,4% ва Украина 1,3%, рост меояд.

Омӯзиш ва таҳлили гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар соли 2017 бинобар сабаби идома ёфтани ноустувории вазъияти молиявӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва вазъияти сиёсӣ дар як қатор давлатҳои шарикони асосии тиҷоратии ҷумҳурӣ, инчунин, бо сабаби ба роҳ мондани истеҳсоли як қатор молҳо дар дохили ҷумҳурӣ, талабот ба воридоти баъзе намуди молу маҳсулот кам гардидааст ва дар ин замина, гардиши тиҷорати хориҷии ҷумҳурӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2016 ба андозаи 4,0% коҳиш ёфтааст.

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017" нақшаи ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ба маблағи 4 502,8 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида, дар асл дар ин давра ба буҷети давлатӣ 4 422,3 млн. сомонӣ ворид карда шуд, ки ин ба 98,2 фоизи нақшаи пешбинишуда баробар мебошад.

Бе дарназардошти 30 фоизи маблағи хироҷи гумрукӣ, ки барои ҳавасмандгардонии кормандон ва инкишофи заминаҳои моддию техникии Хадамот равона мегардад, иҷроиши нақшаи пардохтҳои гумрукӣ 4 403,5 млн. сомонӣ ё ин, ки 97,8 фоизи нақшаро ташкил намуда, аз ҳисоби иҷро нагардидани нақша ба буҷети давлатӣ маблағи 80,5 млн. сомонӣ ворид нагардид.

Таҳлил ва муқоисаи маълумоти оморӣ дар самти гардиши тиҷорати хориҷӣ ва ситонидани пардохтҳои гумрукӣ нишон медиҳад, ки сабаби асосии таъмин нагардидани иҷрои нақшаи пардохтҳои гумрукӣ дар соли 2017, ин коҳиш ёфтани ҳаҷми гардиши тиҷорати хориҷӣ, махсусан коҳишёбии воридоти моли андозбандишаванда, мебошад.

Дар ин давра, воридоти мол, ки махзани асосии андозбандӣ ба ҳисоб меравад, ба маблағи 257,3 млн. доллари ИМА ё 8,0 фоиз, кам гардидааст.

Таҳлили омилҳое, ки боиси кам шудани ҳаҷми воридоти мол ба ҷумҳурӣ гардидаанд, нишон медиҳад, ки татбиқи имтиёзҳои гумрукию андозӣ нисбат ба воридоти таҷҳизоти технологии истеҳсолӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии солҳои охир дар ин самт қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раванди устувори соҳибкории истеҳсолиро дар кишвар тақвият бахшид.

Озод намудани воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ аз супоридани пардохтҳои гумрукӣ, кам кардани меъёрҳои боҷи гумрукии ашёи хоми барои истеҳсоли маҳсулот воридшаванда ва зиёд намудани меъёрҳои боҷи гумрукӣ барои воридоти як қатор молу маҳсулоти истеҳсолашон дар дохил ба роҳ мондашуда, заминаи устуворро барои рушди истеҳсоли моли ватанӣ муҳайё намуда, то андозае ниёзи бозори дохилиро аз моли хориҷӣ маҳдуд намуд ва дар натиҷа давра ба давра воридоти молҳои истеҳсолашон дар кишвар ба роҳ мондашуда аз қабили семент, ангишт, орд ва маҳсулоти аз орд тайёршуда, маҳсулоти либосворӣ (либоси ҳарбӣ ва мактабӣ), маҳсулоти қолинӣ, маҳсулоти қанноди, мебел, рангҳои сохтмонӣ, маводҳо барои шустушӯй, маҳсулоти аз асбест тайёршуда, маҳсулоти аз оҳан тайёршуда ва ғайра, коҳиш ёфт.

Тавре аз таҳлилҳо бармеояд, бинобар ба роҳ мондани истеҳсолот дар дохили кишвар, талабот ба воридоти чунин намуди молҳо аз хориҷи кишвар кам гардидааст. Ин ҳолат аз нигоҳи иқтисодӣ мусбӣ арзёбӣ шуда, заминагузори раванди устувори иқтисодӣ аз қабили нигоҳ доштани қурби асъори миллӣ, содир нашудани асъори хориҷӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар, муҳайё намудани ҷойҳои кории иловагӣ ва аз байн бурдани рақобати носолим, маҳсуб меёбад.

Ҳамзамон, тазаккур бояд дод, ки нақшаи пешбинишудаи воридоти пардохтҳои гумрукӣ бо дарназардошти қурби миёнаи солонаи доллари амрикоӣ мубодили 9,16 сомонӣ барои соли 2017 муқаррар гардида буд.

Аммо, дар натиҷаи андешидани чораҳои зарурии саривақтӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон қурби асъори миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ устувор боқӣ монда, дар соли 2017 ба ҳисоби миёна 1 доллари амрикоӣ баробар ба 8,54 сомониро ташкил намуд. Дар натиҷаи устувор боқӣ мондани қурби асъори миллӣ нисбат ба қурби миёнаи солонаи доллари амрикоӣ, ки ба нақша гирифта шуда буд, ба ҳисоби миёна зиёда аз 331,8 млн. сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ ба буҷет ворид нагардид.

Як қатор омилҳои дигар низ дар ин давра ба иҷро нагардидани нақшаи воридоти пардохтҳои гумрукӣ таъсири манфии худро расониданд. Аз ҷумла:

- фаъолияти мавсимии гузаргоҳи сарҳадии Ҷумҳурии Халқии Хитой бо Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар фасли зимистон);
- мушкилоти транзити молҳо тавассути қаламрави Ҷумҳурии Исломии Афғонистон вобаста ба вазъи ноороми сиёсии ин кишвар;
- гарон будани тарифҳои транзитӣ (махсусан тариқи роҳи оҳан) дар Ҷумҳурии Узбекистон;
- инчунин, омили дигаре, ки ба кам гардидани ҳаҷми воридоти мол ба ҷумҳурӣ ва иҷро нашудани нақшаи пардохтҳои гумрукӣ таъсир расонида истодааст, ин тафовути меъёри андозбандӣ ва то ҳол шаффоф мондани сарҳад миёни ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон мебошад, ки чунин ҳолат, ба

воридоти ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт аз самти ҳудудҳои ҳамсарҳади ҷумҳурӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон мусоидат намуда истодааст.

Дар соли 2017, аз ҷониби кормандони воҳидҳои **мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ** 4262 ҳолати қонуншиканиҳои гумрукӣ ошкор карда шудааст. Аз миқдори умумии қонуншиканиҳо, 92 ҳолат ҷиноят буда, аз он 56 ҳолат ба қочоқи молу воситаҳои нақлиёт, 7 ҳолат ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва 29 ҳолат ба дигар ҷиноятҳои соҳаи фаъолияти гумрук, марбут мебошад.

Дар натиҷаи баррасии 4170 парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, 4025 нафар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, 3999 адад парвандаҳо баррасӣ карда шуданд ва 2495 адад парвандаҳо тибқи тобеият барои баррасӣ ба мақомоти судӣ ирсол гардиданд. Дар натиҷа, ба маблағи 9 706,6 ҳазор сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ ва ба маблағи 7 476,8 ҳазор сомонӣ ҷарима ба буҷети давлатӣ ситонида шуд. Инчунин, ба маблағи 7171,0 ҳазор сомонӣ молҳо мусодира карда шуда, дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва андешидани тадбирҳои иловагӣ ба қадри 19125,1 ҳазор сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ рӯёнида шуд.

Ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолият дар самти мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ, дар дидбонгоҳҳои гумрукӣ, шоҳроҳҳо ва нуқтаҳои савдо рейдҳои алоҳида ва муштарак гузаронида шуда, дар натиҷа воридоти ғайриқонунии маводи сӯзишворӣ ба миқдори 768396 литр, ангишт ба миқдори 2059,0 тн, нуриҳои минералӣ 436,0 тн, маҳсулоти қаннодӣ 37,0 тн, шакар 387,0 тн, лампаҳои тафсон 54782 адад, нахути сабз 1125 қуттӣ, меваи тар 139,0 тн, меваи хушк 57,0 тн, равғани растанӣ 24,0 тн, тахта 1107$м^3$, доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ 45138 дона, сӯзандору 47200 дона, таҷҳизоти қатрагузаронӣ 1500 адад, либосворӣ 72623 дона, хӯроки парранда 94,0 тн, собун 64,0 тн, бозичаҳои кӯдакона 40550 дона, тухми мурғ 720900 дона, орд 5,0 тн, матоъ 12370 метр, техникаи маишӣ 264 дона ва ғ, ошкор карда шуданд.

Дар натиҷаи фаъол гардонидани **корҳои санҷишӣ ва назорати баъди барасмиятдарории гумрукӣ**, дар соли 2017 аз ҷониби воҳидҳои сохтории назоратии Хадамоти гумрук дар маҷмӯъ 1299 ҳолати нодуруст ситонидани пардохтҳои гумрукӣ ошкор карда шуда, аз ин ҳисоб 71,5 млн. сомонӣ пардохтҳои гумрукии иловагӣ муайян карда шуд. Аз маблағи ошкоргардида, 23,1 млн. сомонӣ ба буҷет ворид карда шуда, маводҳои санҷиш бо маблағи зарари молиявӣ ба андозаи 45,7 млн. сомонӣ барои чораҷӯӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва воҳидҳои сохтории дахлдори Хадамот ирсол карда шуд. Илова бар ин, 33 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шуда, ба қадри 146770 сомонӣ ҷарима ситонида шуд.

Хадамоти гумрук бо дарки дурусти вазъи иқтисодии кишвар як қатор чораҳои маъмуригардонии заруриро нисбат ба масъалаҳои пешгирии воридоти ғайриқонунии молу воситаҳои нақлиёт, дуруст муайян намудани арзиши гумрукии мол, гузаронидани муоинаи гумрукии мол, ба роҳ мондани корҳои профилактикӣ ва фаҳмондадиҳӣ бо соҳибкорон ва пурзӯр намудани назорати баъди барасмиятдарории гумрукӣ андешида, тамоми захираву имкониятҳои ташкиливу идоракуниро ҷиҳати дарёфти роҳҳои баланд бардоштани сатҳи ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ, сафарбар намуда истодааст.

**Шуъбаи иттилоотии Хадамоти гумрук**